Мақомоти ҳудудии андоз

Нусха: Шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои бақайдгирии давлатии таъсисёбии хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (фермерӣ)-ро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, чунин иттилоъ медиҳад.

Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) субъекти хоҷагидории мустақилест, ки фаъолияти он ҳамчун соҳибкор ба меҳнати шахсии як нафар, аъзои як оила ё гурӯҳи шахсон асос ёфта, заминаи онро қитъаи замин ва дигар молу мулки ба аъзои он тааллуқдошта ташкил медиҳанд.

Тартиби бақайдгирии давлатии шахси воқеъӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз он ҷумла, бақайдгирии давлатии хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (фермерӣ), ки тибқи Шаҳодатномаи соҳибкорӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонанд мувофиқи талаботи моддаҳои 21 ва 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба роҳ монда мешавад.

Мавриди қайд аст, ки бақайдгирии давлатии шахси воқеиро ба сифати соҳибкори инфиродӣ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи пурра пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки дар моддаи 22 Қонуни мазкур нишон дода шудаанд амалӣ мегардонад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда оид ба бақайдгирии давлатии хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (фермерӣ) ин нусхаи сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин ё нусхаи қарор дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин ва дар ҳолати бақайдгирии хоҷагии деҳқонии (фермерии) фардӣ ё оилавӣ, рӯйхати аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), рақами мушаххаси андозсупоранда барои ҳар яки онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” вобаста ба дастрас намудани сертификат ва ё қарор дар хусуси таъсисёбии хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (фермерӣ) ва минбаъд саривақт пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ **мӯҳлат**[redacted] пешбинӣ нашудааст.

Бо назардошти дар моддаи 21 қонуни мазкур пешбинӣ нагардидани муҳлат вобаста ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ татбиқ намудани моддаи 603(1) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми бақайдгирии давлатии таъсисёбии хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (фермерӣ), ғайриимкон мебошад.

Бинобар ин, шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар маҳалҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар сурати аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (фермерӣ) пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо тибқи талаботи моддаҳои 21 ва 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» амали бақайдгирии давлатии таъсисёбии онҳоро бидуни татбиқ намудани ҷаримаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ амалӣ намоянд.

Раис Н. Давлатзода